**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз дар мавзуи «Мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст (Душанбе, 2022. – 28 саҳ.).**

Мавзуи диссертатсияи Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ бахшида шуда, дорои аҳамияти баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад. Зеро, то имрӯз дар муҳити илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ оид ба мавқеи мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти давлатӣ таҳқиқоти алоҳидаи конститутсионӣ-ҳуқуқӣ анҷом дода нашудааст.

Маврид ба тазаккур аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоте ҷой доранд, ки ба ягон шохаи ҳокимияти давлатӣ мутааллиқ намебошанд, ки яке аз онҳо мақомоти прокуратура маҳсуб меёбад. Андешаи мазкурро муаллифи рисолаи илмӣ дар автореферати диссертатсияи худ ҷой дода, онро бо дарназардошти таҳлили функсияҳои мақомоти прокуратура асоси илмӣ бахшидааст. Вале, унвонҷӯ иброз менамояд, ки мақомоти прокуратура бо тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар робита буда, салоҳияти худро маҳз тавассути ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо дигар мақомоти давлатӣ дар амал татбиқ менамояд.

Диссертант дар автореферат ба маврид иброз менамояд, ки мақомоти прокуратура аз зумраи мақомотест, ки барои амалисозии принсипи боздорӣ ва мувозинат миёни шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд нақши муҳимро иҷро менамояд. Зеро, мутобиқи моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф карда шудааст. Меъёри мазкур тақозо менамояд, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар баробари эътироф ва риоя шудан, инчунин мавриди ҳимоя низ қарор гиранд. Аз ин рӯ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд вазифаи давлат ва мақомоти давлатӣ, махсусан мақомоти прокуратура маҳсуб меёбад.

Дар диссертатсияи Исмоилзода С.А. бори нахуст ҷанбаҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ, конститутсионӣ ва ташкилии мақомоти прокуратура дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ карда шудааст. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ таърихи пайдоиш ва ташаккули мақомоти прокуратура дар Тоҷикистон, мафҳум ва моҳияти он, сохтор ва мазмун, мақсад ва вазифа, инчунин дигар масъалаҳои мубрами мавзуи баррасишаванда таҳлил гардидааст.

Дар асоси омӯзиши мавқеи конститутсионӣ-ҳуқуқии мақомоти прокуратура дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муаллиф як қатор тавсияҳои амалӣ пешниҳод шудаанд, ки ба мукаммал гардонидани фаъолияти мақомоти прокуратура ва низоми мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд мебошанд.

Дар рисолаи илмӣ Конститутсия ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии ИҶШС, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», қонунҳои ҷорӣ, шартномаҳои байналмилалӣ, фармонҳои

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, амр ва фармонҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар интишороти асосии муаллиф – 12 мақола, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тавсияшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд, инъикоси худро ёфтаанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот бо имконияти истифода бурдани асосҳои назариявӣ, хулоса ва тавсияҳо ҳангоми такмили қонунгузорӣ маҳдуд нагардида, балки он метавонад дар фаъолияти прокурорҳо, судҳо, мақомоти таҳқиқ, ҳангоми фаъолияти омӯзгорӣ дар муассисаҳои таълимии ихтисоси «ҳуқуқшиносӣ», инчунин дар низоми такмили ихтисос ва рушди касбии судяҳо, прокурорҳо ва дигар кормандони мақомоти давлатӣ ва муассисаҳо, ки дар соҳаи ҳуқуқ кору фаъолият менамоянд, таъсири мусбати худро гузорад.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки дар рисола баъзе масъалаҳои баҳснок вуҷуд доранд. Аз ҷумла, дар тавсияи амалии чорум муаллиф қайд менамояд, ки ба моддаи 36-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйирот ворид карда шуда, дар он муқаррар намудани асосҳо ва шакли иштироки прокурор дар парвандаҳое, ки аз ҷониби Суди конститутсионӣ баррасӣ мегарданд, ворид карда шавад. Доир ба ин масъала мехостем диссертант зимни ҳимояи рисолаи илмӣ ақидаи худро парратар асоснок намояд.

Эроди мазкур ҷузъӣ буда, моҳияти рисоларо коста намекунад. Таҳлили автореферати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Исмоилзода С.А. дар шароити имрӯзаи рушди давлатдории тоҷикон муҳим ва зарурӣ буда, ба талаботи муқарраркардаи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267

тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Он аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад. Таҳқиқоти мазкур саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад ва муаллифи рисола Исмоилзода Салоҳиддин Абдулазиз сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
муовини Раиси Суди конститутсионии
Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ Каримзода К.М.

Имзои К.М. Каримзодаро тасдиқ менамоям:
Сармутахассис оид ба корҳои кадр
ва корҳои махсуси Суди конститутсионии
Ҷумҳурии Тоҷикистон Бадалова С.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**734025, ш. Душанбе, к. Бохтар 48,**
**Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Тел: 221 61 96. Email: constcourt@mail.ru**